**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.06.2024, № 64

Барои сазовор донистани Мулоева Нишона Сангмадовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ).

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 5-уми апрели соли 2024, суратмаҷлиси № 59 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мулоева Нишона Сангмадовна 1-уми августи соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2018 МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»-ро аз рӯи ихтисоси рӯзноманигори телевизион ҳамчун бакалавр хатм намудааст. Аз соли 2018 то соли 2020 дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети режиссура, кино ва телевизион ба ҳайси магистр ва аз соли 2020 то соли 2023 дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултаи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ ба ҳайси доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба кори пажӯҳишӣ машғул буд.

Диссертатсия дар кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин.

**Муқарризони расмӣ:** Муллоев Шариф Боқиевич, доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори хадамоти матбуотии Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» ва Азизов Фирӯз Шарифович, номзади илмҳои филологӣ, муҳаррири варзидаи идораи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатии Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷик, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарипов С.И., эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Маҳкамзода Д.Ю., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Маъмурзода Н.М. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р. пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо»)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Муъминҷонов, З., Мулоева, Н.С. Марҳилаҳои рушди телевизион дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. Муъминҷонов., Н.С. Мулоева // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 302-306.

[2-М]. Мулоева, Н.С. Инъикоси ҳаёти фарҳангӣ дар жанри репортажи телевизионӣ / Н.С. Мулоева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе 2023. – № 1/3 (77). – С. 41- 46.
[3-М]. Мулоева, Н.С. Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои итти- лоотии телевизион / Н.С. Муллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – № 9. – С. 270-276.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Мулоева, Н.С. Вижагиҳои жанри репортаж дар телевизион / Н.С. Мулоева // Фарҳанг ва санъат. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 302-306.
[5-М].Мулоева Н.С. Мавқеи жанрҳои иттилоотӣ дар барномаҳои телевизион / Н.С. Мулоева // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва 109-солагии матбуоти тоҷик «Нақши воситаҳои электронии ахбори омма дар инъикоси арзишҳои фарҳангии кишвар: мушкилот ва дурнамо» (ш. Душанбе, 9.03.2021). Воситаҳои электронии ахбори омма инъикосгари арзишҳои фарҳангӣ. – Душанбе, 2021. – С. 81-84.
[6-М]. Мулоева, Н.С. Воситаҳои электронии ахбори омма ва нақши онҳо дар инъикоси арзишҳои фарҳангӣ / Н.С. Мулоева // Тайёр намудани мутахассисони воситаҳои электронии ахбори омма дар шароити гузариш ба низоми таҳсилоти кредитӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2021. – С. 117-120.
[7-М]. Мулоева, Н.С. Нақши репортажи телевизионӣ дар инъикоси рӯйдодҳои фарҳангӣ / Н.С. Мулоева // Роҳҳои тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳавии журналистикаи телевизион (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2023. – С. 178-187.
[8-М]. Мулоева, Н.С. Махсусияти хоси репортажи махсуси телевизионӣ / Н.С. Мулоева // Маводи конференсияи ҷумҳурӣявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 32-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 64-солагии Телевизиони тоҷик «Ҳолат ва мушкилоти таълими фанни журналистикаи соҳавии телевизион ва технологияҳои иноватсионии таълим» (ш. Душанбе, 3.10.2023). Дурнамои журналистикаи соҳавии телевизион. – Душанбе, 2023. – С. 107-110.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Саидмурод Хоҷазод** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Дар фасли дуюми боби дуюм умумигӯӣ нисбатан зиёд ба чашм мерасад, баҳс камтар ҷой дорад.

2. Дар фасли сеюми рисолаи диссертатсионӣ иштибоҳи грамматикӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд ва дар натиҷагирӣ мавқеи диссертант нисбатан заиф аст.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори китобхонаи маркзии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Дилбар Самадова** мусбат буда, дар он эрод ба назар намерасад.

**3. Тақризи** доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, мудири кафедраи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Алишери Абдулмаҷид** низ мусбат буда, дар баробари таъкиди комёбиҳои илмии диссертант ду эрод баён гардидааст:

1. Дар боби якуми диссертатсия бобати вижагиҳои жанри репортажи телевизионӣ ба таври мукаммал маълумот дода шудааст, ки қобили қабул аст. Аммо, ба назари мо, агар як фасли алоҳида дар ҳамин боб ба намуди репортажи мустақими телевизионӣ бахшида мешуд, рисолаи диссертатсионӣ боз ҳам пурратар мегашт.

2. Дар автореферати рисолаи диссертатсионии мазкур баъзан хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор мебошад.

**4. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, директори Радиои Тоҷикистон **Обидҷон Саидзода**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба баъзе камбудиҳои автореферат ишора шудааст:

1. Диссертант зимни таҳлили матолиби телевизионӣ («Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо») баъзан ба таҳлили ҷузъии ба мавзуъ алоқаманднабуда роҳ додааст.

2. Хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҳам дар кор ба назар мерасанд.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– диссертант Мулоева Нишона Сангмадовна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти журналистӣ ба омӯзиши барномаҳои иттилоотӣ, бахусус, жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии

«Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**

- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси барномаҳои иттилоотӣ, махсусан, репортажҳои шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» анҷом ёфта, барномаҳои шабакаҳои телевизионии мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба раванди пайдоиш, заминаву омилҳои таъсис ва марҳилаҳои ташаккули барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» **баррасӣ** ва мазмуну муҳтавои онҳо **муайян гардидааст;**
- таъинот, хусусият, шакл ва мундариҷаи барномаҳои иттилоотӣ ва жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» **таҳқиқу баррасӣ гардида**, нақш, мақом ва мавқеи онҳо дар фазои иттилоотии Тоҷикистон **собит шудааст;**
- дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ вижагиҳои жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии кишвар тасниф гардида, нақши онҳо дар пахши рӯйдоди муҳим дар жанри репортажи телевизионӣ бо иштироки журналист ва саривақт пешниҳод намудани иттилоот **мушаххас карда шудааст**;
- инъикоси мавзуъҳои мубрам дар барномаҳои иттилоотӣ тариқи жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» **баррасӣ гардида,** имконот ва ҷойгоҳи жанрҳои хабарӣ, бахусус, жанри репортаж дар онҳо **муайян шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои назарии омӯзиши журналистикаи телевизиони тоҷикро пурратар гардонида, дар таъини хусусият, шакл ва мазмуну муҳтавои барномаҳои иттилоотӣ ва махсусан, жанри репортаж дар шабакаҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нақши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар таъини вижагиҳои мавзуиву жанрии барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажӯҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни омӯзиши масъалаҳои ҳамгун ва дигар воситаҳои электронии ахбори омма низ метавон истифода бурд.

**Арзиши амалии** диссертатсия дар он зоҳир мeёбад, ки маводи дар диссертатсия фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода сохтани китобу дастурҳои таълимӣ оид ба жанр ва назарияи журналистика барои шуъба ва факултетҳои журналистикаи муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, навиштани корҳои

таҳқиқотӣ оид ба журналистикаи телевизион, таълифи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва таълимӣ мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони журналистикаи тоҷику рус, аз ҷумла Нуралиев А., Саъдуллоев А., Усмонов И.К., Имомзода М.С., Азимов А.Х., Муродӣ М.Б., Муқимов М.А., Абдуллозода М.А., Саъдуллоев Ҷ.М., Солеҳов Н.Н., Муллоев Ш.Б., Муъминҷонов З., Бобоҷонониён Р.М., Мухторӣ Қ., Бозорзода Н., Ҷӯраева М.Р., Қутбиддинов А.Ҳ., Ҳамидиён И.И., Муратов С.А., Вартанова Е.В., Рагулина Ю.В., Вырковский А.В., Ножин Е.А. ва дигарон омӯхтаю истифода шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, таҳлилӣ-муқоисавӣ ва таҳлили анъанавӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажӯҳишҳо оид ба шабакаҳои телевизионҳои Тоҷикистон метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба телевизиони тоҷик, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба шабакаҳои телевизионӣ, махсусан, барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии журналистикаи ватаниву хориҷӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** савияи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмӣ роҷеъ ба фаъолияти шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои хоси онҳо мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи теъдод ва мундариҷаи барномаҳои иттилоотӣ ва

махсусан жанри репортажи телевизионӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат менамояд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Мулоева Нишона Сангмадовна ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, №19/шд), аз ҷумла 3 нафар доктороні илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ

15.06.2024.